# Раёсати таъминоти ҳуқуқӣ

Раёсати таъминоти ҳуқуқӣ воҳиди сохтори дастгоҳи марказии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, таъминоти ҳуқуқии фаъолияти Вазоратро оид ба таҳияву татбиқи сиёсати давлатӣ ва батанзимдарории меъёрии ҳуқуқӣ дар бахши масъалаҳое, ки тибқи Низомнома ба доираи фаъолияти Вазорат дохил аст, ба амал мебарорад.

Раёсат ваколатҳои зеринро амалӣ менамояд:

- таъмини ҳуқуқии фаъолияти сохторҳои воҳидии дастгоҳи марказии Вазоратро амалӣ менамояд

- фаъолияти таъминоти ҳуқуқии ташкилотҳои тобеи Вазоратро назорат мекунад;

- ба лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, барномаҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз тарафи Вазорат таҳияшаванда, хулосаҳои ҳуқуқӣ медиҳад;

- бо супориши роҳбарияти Вазорат дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, барномаҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз тарафи Вазорат таҳияшаванда иштирок менамояд.

- дар кори воҳидҳои сохтори Вазорат оид ба ташхиси санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмидошта, ки барои қайди давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода мешавад иштирок мекунад;

- дар судҳо ва мақомотҳои дигар мувофиқи тартиби муқарраргардида ҳифзи ҳуқуқии манфиатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазоратро таъмин мекунад;

- ба мақомоти минтақавӣ ва ташкилотҳои ба системаи Вазорат дохил буда, дар масъалаҳои ҳуқуқии ба салоҳияти Вазорат дахлдошта мусоидати ҳуқуқӣ мерасонад;

- мутобиқи Низомномаи Вазорат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорат ваколатҳои дигарро амалӣ менамояд.